*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 29 (4769) | ДУШАНБЕ, 4 МАРТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## НОМАИ ШОДБОШӢ

**Сеюми марти соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Шаҳбоз Шариф номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Аз самими қалб Шуморо ба муносибати интихоб гардиданатон ба маснади олии Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон табрик мегӯям.

Ба Шумо, дӯст ва бародари гиромӣ, саломатии комил ва дар иҷрои нақшаҳоятон ҷиҳати рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Покистон, беҳбуди сатҳи некуаҳволии мардуми кишвари ба мо дӯст ва ҳамзамон, таҳкими обрӯю эътибори он дар арсаи байналмилалӣ, комёбиҳои нави барҷаста орзумандам.

Тоҷикистон ва Покистонро анъанаҳои деринаи робитаҳои дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтирому эътимод ба якдигар ба ҳам мепайванданд. Боиси қаноатмандист, ки ҳамкориҳои гуногунҷанбаи кишварҳои мо бо такя ба ин анъанаҳои нек имрӯзҳо бемайлон рушд ёфта, бо мазмуну муҳтавои нав ғанӣ мегарданд.

Зимни таъкиди рағбати пайвастаи инҷониб ба идомаи муколамаи байнидавлатӣ ва ҳамкорию ҳамоҳангӣ бо Шумо дар пешбурди самарабахши ин раванд, бо камоли майл Шуморо ҷиҳати анҷом додани боздид аз Тоҷикистон даъват менамоям.

Бар он боварам, ки мо бо талошҳои муштараки минбаъда шарикии дарозмуддати кишварҳоямонро ба нафъи мардумонамон таҳкиму тавсеа хоҳем бахшид».

**www.prezident.tj**

## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН





**29-уми феврали соли 2024 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.**

Дар оғози маҷлис масъалаҳои кадрҳо баррасӣ шуда, бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони 6 институти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин гардиданд.

Дар маҷлис ҳисоботи сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадзода оид ба натиҷаи фаъолияти мақомот дар солҳои 2018-2023 шунида шуд.

Таъкид гардид, ки Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташро дар асоси «Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ба роҳ монда, дар асоси он омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминиро аз рӯи 56 лоиҳа дар иншооти корҳои минтақавӣ идома медиҳад.

Иттилоъ дода шуд, ки дар баробари иҷрои барномаи мазкур саридора дар давраи солҳои 2018-2023 корҳои шартномавиро низ аз рӯи зиёда аз 1200 лоиҳа ба маблағи 118,2 млн. сомонӣ иҷро намудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷоннок намудани корҳои ҷустуҷӯию геологӣ, беҳсозии фаъолияти ҳамаи сохторҳои соҳаи геология, ҷалби сармоя ва ворид намудани техникаю технологияи муосири соҳа, ҳамчунин, гузаштан ба низоми муосири рақамӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоби захираҳо ба масъулин супоришҳои мушаххас дода, таъкид доштанд, ки истихроҷ ва коркарди маъданҳо, бахусус маъданҳои нодир, метавонад ба яке аз муҳимтарин роҳҳои рушди иқтисоди миллии кишвар табдил ёбад.

Сипас, дар кори маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор лоиҳаи қонунҳо, аз ҷумла «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ», муҳокима гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Дар кори маҷлиси Ҳукумат, ҳамчунин, масъалаҳои вобаста ба «Барномаи давлатии рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028», «Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» ва «Барномаи беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» баррасӣ шуд.

Дар фароварди маҷлис Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, ба Ҳукумати мамлакат, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои дахлдор барои дар сатҳи зарурӣ ҷамъбаст намудани мавсими зимистон, омодагӣ ба киштукори баҳорӣ, истифодаи самараноки заминҳо, тозагии муҳити зист, сарсабзу хуррам гардондани маҳалҳо ва ҷоннок намудани тадбирҳои созандагӣ ҷиҳати истиқболи сазовори ҷашнҳои Наврӯзи байналмилалӣ ва 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳои мушаххас доданд.

## ШИНОСОИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ВАЗЪИ КӮЧАЮ ХИЁБОНҲОИ ПОЙТАХТ



**- Дуюми марти соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо мақсади таъмини фаъолияти самараноки сохторҳои гуногуни шаҳрдорӣ аз як қатор кӯчаҳою хиёбонҳои шаҳр дидан намуда, ба муовинони Раиси шаҳр ва раисони ноҳияҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.**

Ҳамчунин, ба масъулин супориш дода шуд, ки барои сари вақт тоза намудани барф аз назди биною корхона ва мағозаю фурӯшгоҳҳо корбарӣ намуда, баҳри омода намудани каналу селпартоҳо ва сари вақт таъмин намудани сокинон бо оби ошомиданӣ ва неруи барқу гармӣ чораҳои судманд андешанд

Ҳамзамон супориш дода шуд, ки корҳои фаҳмондадиҳиро миёни қишрҳои ҷомеа баҳри самаранок истифода бурдани қувваи барқ ва сарфаю сариштакорӣ тақвият бахшанд, - хабар доданд аз шуъбаи иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## ТАЪЙИНОТИ КАДРӢ



**29-уми феврали соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳайати роҳбарии Суди олии иқтисодӣ, Прокуратураи генералӣ ва Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ анҷом доданд.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Суди иқтисодии шаҳри Душанбе ва судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон таъйин шуданд.

Ҳамчунин, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азаматзода Баҳриддин Вайсиддин сардори сарситод - муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бобозода Лутфулло Нусратулло муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ, Давлатзода Талбидагӣ Халифа муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус таъйин гардиданд.

Ба вазифаҳои сардорони як қатор раёсатҳо ва командирони баъзе қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрҳои варзидаи низомӣ таъйин карда шуданд.

Ба пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифа озод ва таъйин намудани муовини аввал ва муовинони прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми феврали соли 2024 аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шуда, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бора ба имзо расиданд.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, аз ҳисоби кадрҳои соҳибтахассус ва корозмудаи ин соҳа сардорони се раёсати Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шуданд.

Бо натиҷагирӣ аз фаъолияти сохторҳои зикргардида Пешвои миллат таваҷҷуҳи роҳбарони Суди олии иқтисодӣ, Прокуратураи генералӣ ва Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таъмини волоияти қонун, мубориза бар зидди ҳама гуна қонунвайронкуниҳо, интихоб ва таъйини дурусти кадрҳо, баланд бардоштани савияи донишҳои техникӣ, роҳу усулҳои нави пешгирӣ, муайян ва ошкор намудани ҷинояткорӣ ва хатару таҳдидҳои халалдоркунандаи суботу оромӣ ҷалб намуда, ҷиҳати иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар чаҳорчӯбаи қонун ва санадҳои танзимкунандаи фаъолияти мақомот супоришҳои қатъӣ доданд.

## БА ИМЗО РАСИДАНИ ЯК ҚАТОР ҚОНУНҲО

**Якуми марти соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» имзо гузоштанд.**

Тибқи тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҳамаи хонандагон ба таълими миёнаи умумӣ фаро гирифта мешаванд. Онҳо таълими миёнаи умумиро метавонанд дар муассисаҳои миёнаи умумӣ ё дар муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ гиранд. Тағйироти мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон дар як вақт ҳам соҳиби маълумоти умумӣ ва ҳам соҳибкасб гарданд. Тағйироти воридгардида ба тайёр кардани кадрҳои коргарии ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мусоидат мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» барои такмили низоми ташкилотҳои суғуртавӣ, назорати фаъолияти иштирокдорони бозори суғурта ва танзими низоми иҷозатномадиҳӣ барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ равона гардидааст.

**www.prezident.tj**



## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи озод ва таъйин намудани судяҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Абдуллозода Зебонисо Файзулло аз вазифаи раиси Суди иқтисодии шаҳри Душанбе,

Аминзода Сайдабону Рустам аз вазифаи судяи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе,

Саидзода Зулфия Саид аз вазифаи судяи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе бо сабаби ба кори дигар гузаштан озод карда шаванд.

2. Комилӣ Файзалӣ раиси Суди иқтисодии шаҳри Душанбе,

Саидзода Зулфия Саид судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон таъйин карда шаванд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 763**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сардори сарситод - муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани генерал-майори гвардия Ализода Ҷ. Ҷ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Генерал-майори гвардия Ализода Ҷонибек Ҷурабек бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори сарситод - муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 764**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ озод намудани генерал-майори гвардия Каримзода З. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Генерал-майори гвардия Каримзода Зайниддин Маҳмадалӣ бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 765**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус озод намудани полковники гвардия Одиназода А. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Одиназода Аъзам Аҳтам бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 766**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сардори раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани полковники гвардия Бобозода Л. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Бобозода Лутфулло Нусратулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 767**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сардори раёсати ақибгоҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани подполковники гвардия Абдураҳимов Ш. Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Подполковники гвардия Абдураҳимов Шермад Холмадович бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати ақибгоҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 768**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сардори раёсати хизмати комендантии сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани подполковники гвардия Аҳмадзода С. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Подполковники гвардия Аҳмадзода Сафаралӣ Талбак бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи сардори раёсати хизмати комендантии сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 769**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сардори раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани полковники гвардия Зарифбеков Г. О.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Зарифбеков Гулбек Ошурбекович бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи сардори раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 770**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сардори раёсати амалиётии сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани полковники гвардия Қурбонзода Т. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Қурбонзода Тоҷиддин Назар бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати амалиётии сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 771**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи командири бригадаи махсуси комендантии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани полковники гвардия Ҳакимзода С. Д.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Ҳакимзода Сайдалӣ Достӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи командири бригадаи махсуси комендантии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 772**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сардори раёсати тайёрии ҷангии фармондеҳии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани полковники гвардия Эмомзода А. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Эмомзода Амиралӣ Мироталӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати тайёрии ҷангии фармондеҳии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 773**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сардори сарситод – муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани полковник Азаматзода Б. В.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковник Азаматзода Баҳриддин Вайсиддин сардори сарситод – муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 774**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус таъйин намудани полковники гвардия Давлатзода Т. Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Давлатзода Талбидагӣ Халифа муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 775**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ таъйин намудани полковники гвардия Бобозода Л. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Бобозода Лутфулло Нусратулло муовини фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 776**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сардори раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани полковники гвардия Носирзода Д. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Носирзода Диловар Раҳмон сардори раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 777**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини аввали сардори сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани полковники гвардия Одиназода А. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Одиназода Аъзам Аҳтам муовини аввали сардори сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 778**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сардори раёсати амалиётии сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани полковники гвардия Изатзода М. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Изатзода Муҳаммад Назримад сардори раёсати амалиётии сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 779**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сардори раёсати ақибгоҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани полковники гвардия Нозанинзода А. Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Нозанинзода Асадулло Бодом сардори раёсати ақибгоҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 780**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сардори раёсати молияи фармондеҳии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани подполковники гвардия Самизода Д. Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Подполковники гвардия Самизода Дилшод Хурсанд сардори раёсати молияи фармондеҳии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 781**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сардори раёсати хизмати комендантии сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани полковники гвардия Қурбонзода Т. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Қурбонзода Тоҷиддин Назар сардори раёсати хизмати комендантии сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 782**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи командири бригадаи махсуси комендантии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани подполковники гвардия Маҳмадализода Ҳ. И.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Подполковники гвардия Маҳмадализода Ҳасан Ибод командири бригадаи махсуси комендантии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 783**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сардори раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани полковники гвардия Эмомзода А. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Полковники гвардия Эмомзода Амиралӣ Мироталӣ сардори раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 784**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини прокурори генералӣ - сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Зоирзода И. О.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Зоирзода Икром Оймаҳмад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини прокурори генералӣ - сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 785**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Рофизода М. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Рофизода Мирзоамон Ҳамдам бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 786**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Талбакзода Д. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Талбакзода Дилшод Саид бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 787**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Каримзода У. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Каримзода Умед Раҳматшо муовини якуми прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 788**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини прокурори генералӣ - сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Воҳидзода Ҳ. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло муовини прокурори генералӣ - сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 789**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Азимзода С. Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Азимзода Сарвар Бозор муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 феврали соли 2024, № 790**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 117, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод намудани Раҳмонов З. Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмонов Зарулло Ҳусенович бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи директори Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 118, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи технологии Тоҷикистон» озод намудани Амонзода И. Т.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Амонзода Илҳом Темур бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи технологии Тоҷикистон» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 119, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод намудани Қоҳирова Г. И.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қоҳирова Гулчеҳра Исроиловна бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи директори Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 120, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод намудани Ҳакимов Ф. Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҳакимов Файзалӣ Раҳмоналиевич бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павлоскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 121, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод намудани Ниёзӣ Ё. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 122, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин намудани Маҳмадизода Н. Д.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Маҳмадизода Нозим Давлатмурод директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 123, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин намудани Қадамзода Д. С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қадамзода Дилшод Саттор директори Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 124, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти физикаву техникаи ба номи С. У.Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин намудани Зарифзода А. Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Зарифзода Афзалшоҳ Қаҳрамон директори Институти физикаву техникаи ба номи С. У. Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 125, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин намудани Ҳайдарзода Р. Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 126, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин намудани Раҳимзода А. О.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳимзода Алишер Орзу директори Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 феврали соли 2024, № 127, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин намудани Бӯризода А. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Бӯризода Анвар Маҳмад директори Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАОРИФ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №7, мод.532; с.2014, №3, мод.156, №7, қ.2, мод.422; с.2016, №3, мод.148, №7, мод. 624; с. 2017, №7-9, мод.581; с.2018, №5, мод.278; с.2020, №12, мод.912; с.2021, №12, қ.2, мод.706; с.2022, №7, мод.447; с. 2023, №11, мод.468; қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2024, №2035 ва №2036) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 2 моддаи 6 калимаҳои «ҳатмии умумии асосии» ба калимаҳои «миёнаи умумии» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 16:

- қисми 7 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«7. Баъд аз гирифтани таълими умумии асосӣ шаҳрвандон уҳдадоранд таълими миёнаи умумиро бо фароҳам овардани таълими таҳсилоти миёнаи умумӣ ё мувофиқи хоҳишу қобилияташон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё миёнаи касбӣ гиранд.»;

- қисми 10 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«10. Ба муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ омадани хонандагон бо воситаҳои нақлиёти механикӣ манъ аст.»;

- қисмҳои 11-13 хориҷ карда шуда, қисмҳои 14-20 қисмҳои 11-17 ҳисобида шаванд.

3. Дар қисми 6 моддаи 17 калимаи «надоранд» ба калимаи «доранд» иваз карда шавад.

4. Дар қисми 3 моддаи 18 калимаҳои «метавонанд таҳсилоти миёнаи умумӣ гиранд» ба калимаҳои «таҳсилоти миёнаи умумӣ мегиранд» иваз карда шаванд.

5. Дар сархати дуюми моддаи 36 ва қисми 9 моддаи 44 калимаҳои «умумии асосӣ» ба калимаҳои «миёнаи умумӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад. Муқаррароти сархати якуми қисми 2 моддаи 1 Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандоне, ки то мавриди амал қарор додани он таҳсили умумии асосиро гирифтаанд, татбиқ намегардад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 1 марти соли 2024, № 2044**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 28 феврали соли 2024, № 472**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул карда шавад.

**Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ВАТАНЗОДА**
**ш. Душанбе, 20 феврали соли 2024, № 1232**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз 23 июли соли 2016 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 627; с. 2018, №1, мод. 19; с. 2019, №1, мод. 20) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- сархатҳои ҳафтум, бисту шашум ва бисту ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- **суғуртаи ҳатмӣ** – суғуртае, ки тибқи қонун ба зиммаи шахси дар он зикргардида уҳдадории ба сифати суғурташаванда суғурта кардани ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахси дигар ё ҷавобгарии маданий худ дар назди шахси дигар аз ҳисоби худ ё аз ҳисоби шахси манфиатдор гузошта шуда, нисбат ба объектҳои афзалиятноки суғурта, ҳимояи манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷорӣ гардида, тибқи он ҳодисаи суғуртавӣ, маблағи суғуртавӣ, мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ), пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) ҳамчун меъёри ҳатмӣ бо қонун муайян карда мешаванд;

- **меъёрҳои мақбули ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** – меъёрҳои иқтисодие, ки мақоми назорати суғуртавӣ бо мақсади танзими фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) муқаррар намудааст ва риояи онҳо аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳатмӣ мебошад;

- **филиали ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ** – воҳиди сохтории алоҳидае, ки аз ҷониби ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ, аз ҷумла вазифаи намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст;»;

- дар сархатҳои ҳафтум, понздаҳум, шонздаҳум, бисту шашум ва чилу нуҳум калимаи «гражданию» ба калимаи «маданию» иваз карда шавад;

- ба сархати сию панҷум пас аз калимаи «худро» калимаҳои «тибқи қонунгузории соҳавӣ» илова карда шаванд;

- дар сархати панҷоҳу ҳаштум калимаи «шартномае» ба калимаҳои «шартномае дар шакли коғазӣ ва электронӣ» иваз карда шавад;

- дар сархати шасту якум калимаи «ҳуҷҷате» ба калимаҳои «ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ» иваз карда шавад;

- дар сархати шасту панҷум пас аз калимаи «ҳуҷҷати» калимаҳои «дар шакли коғазӣ ва электронӣ» илова карда шуда, аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- сархатҳои шасту шашум ва шасту ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- **кормандони роҳбарикунанда** – роҳбари ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва иштирокчиёни касбии дигари бозори суғурта, сармуҳосиби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), инчунин роҳбар ва сармуҳосиби филиали ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), аз ҷумла филиали ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ;

- **шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод** – шахси воқеӣ-резидент ё ғайрирезидент, ки барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти иқтисодӣ ва ё коррупсионидошта маҳкум нагардидааст; шахси воқеӣ-резидент ё ғайрирезидент, ки дар давраи ба ҳайси роҳбар ё сармуҳосиби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва иштирокчии дахлдори касбии дигари бозори суғурта фаъолият карданаш иҷозатномаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва иштирокчиёни касбии дигари бозори суғурта бо гуноҳи онҳо бинобар татбиқ гардидани чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба ӯ бозхонд нашудааст; шахси воқеӣ-резидент ё ғайрирезидент, ки нисбат ба ӯ санади судии амалкунанда дар хусуси маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян ё аз ишғоли мансабҳои муайян дар соҳаҳои иқтисод мавҷуд нест; шахси воқеӣ-резидент ё ғайрирезидент, ки бинобар татбиқ гардидани чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ аз ҷониби мақоми назорати суғуртавӣ аз вазифаи кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва субъектҳои дигари фаъолияти суғуртавӣ озод нашудааст.».

2. Дар моддаи 3:

- қисми 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«5. Субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ иштирокчиёни касбии бозори суғурта ва субъектҳои дигаре мебошанд, ки мутобиқи қонунгузорӣ фаъолияти суғуртавӣ ва фаъолияти дигари бо ҳамин Қонун пешбинишударо анҷом медиҳанд.»;

- қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6. Суғуртакунии объектҳои суғуртае, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва маблағҳои ба манфиати давлат ҷалбшуда амалӣ мегардад, танҳо аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) ватанӣ анҷом дода мешавад.».

3. Дар моддаи 4:

- дар қисмҳои 4, 9 ва 14 калимаҳои «гражданӣ» ва «гражданию» мувофиқан ба калимаҳои «мадании» ва «маданию» иваз карда шаванд;

- қисми 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«6. Суғуртаи ҳатмии давлатии ҳаёт ва саломатии шахсони мансабдори давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз ҷониби ташкилотҳои давлатии суғуртавӣ амалӣ карда мешавад. Ҳаққи суғуртавӣ дар чунин ҳолат аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва манбаъҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, пардохт карда мешавад.»;

- дар қисмҳои 8 ва 9 калимаи «шаклҳои» ба калимаи «шакли» иваз карда шавад;

- ҷумлаи дуюми қисми 10 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳуқуқ дорад фаъолият оид ба бастани шартномаи суғуртаро дар шакли шартномаи ҳамроҳшавӣ бо додани полиси суғуртавӣ ба суғурташаванда танҳо баъди гирифтани иҷозатнома ва бо тартиби муқарраргардида бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа намудани қоидаҳои намудҳои мушаххаси суғурта, ки дар доираи шаклҳо, гурӯҳҳо ва соҳаҳои суғурта таҳия мегарданд, амалӣ намояд.».

4. Моддаи 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 6. Асосҳои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ**

1. Иҷозатномадиҳӣ барои амалисозии фаъолияти суғуртавӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» сурат мегирад.

2. Дар асоси иҷозатномаи барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ гирифташуда ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) фаъолияти суғуртавиро бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ аз рӯйи қоидаҳои намудҳои мушаххаси суғурта, ки дар доираи шаклҳо, гурӯҳҳо ва соҳаҳои суғурта таҳия ва тасдиқ шуда, бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа шудаанд, амалӣ менамояд. Барои ҳар як шакл ва намуди суғурта иҷозатномаи алоҳида пешбинӣ карда намешавад.».

5. Дар моддаи 7:

- дар қисми 3 калимаҳои «дар бораи қабули қарор оид ба боздошт, барқароркунии амали иҷозатнома ё бозхонди иҷозатнома,» ба калимаҳои «дар бораи қарори мақоми назорати суғуртавӣ оид ба додани иҷозатнома, азнавбарасмиятдарории иҷозатнома, асосҳо ва санаи боздоштан ва барқарор намудани амали иҷозатнома, асос ва санаи бекор кардани иҷозатнома ва қатъ гардидани амали он,» иваз карда шаванд;

- қисмҳои 5 ва 6 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«5. Маълумоти дар феҳристи мазкур мавҷудбуда барои шинос намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дастрас мебошад ва маълумот дар бораи иҷозатномадори мушаххас дар шакли иқтибос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ройгон дода мешавад.

6. Маълумоти Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта (дар шакли коғазӣ ва электронӣ), инчунин ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо иҷозатнома дода шудааст, дар парвандаҳои мақоми назорати суғуртавӣ муддати панҷ сол нигоҳ дошта шуда, сипас бо тартиби муқарраргардида ба бойгонӣ супорида мешаванд.».

- қисмҳои 5 ва 6 мувофиқан қисмҳои 7 ва 8 ҳисобида шаванд;

- қисмҳои 9 ва 10 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«9. Ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ бо мақсади таҳлили мутобиқати худ ва омодагии лоиҳаи ҳуҷҷатҳо барои таъсиси филиали худ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми назорати суғуртавӣ ариза, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дахлдор пешниҳод намуда, хулосаи пешакии мақоми назорати суғуртавиро мегирад. Ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ бояд хулосаи мусбии мақоми дахлдори давлатеро, ки дар он ҷойгир аст, пешниҳод намояд.

10. Калимаҳои «ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)», «брокери суғуртавӣ», «ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила» ё калимаҳои аз онҳо сохташуда дар ҳар шакле, ки бошанд, наметавонанд нисбат ба фаъолият ё хизматрасонӣ бе иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ истифода шаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки мувофиқи қонун ё шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар ё эътироф шудаанд ва ё дар матне, ки калимаю ибораҳои номбаршуда истифода гардидаанд, муайян бошад, ки он фаъолияти суғуртавиро дар назар надорад.».

6. Дар моддаи 8:

- дар сархати сеюми қисми 4 калимаҳои «сармоягузорони хориҷӣ» ба калимаҳои «сармоягузорони ватанию хориҷӣ» иваз карда шаванд;

- қисмҳои 7, 8, 9 ва 10 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«7. Ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) ватанӣ пеш аз оғози фаъолияти филиал ва намояндагии худ бояд мақоми назорати суғуртавиро огоҳ намоянд. Ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) ватанӣ бо ин мақсад ба мақоми назорати суғуртавӣ ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зеринро пешниҳод менамоянд:

- нусхаи бо муҳр ва имзои роҳбари ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тасдиқгардидаи низомномаи филиал ва намояндагии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо зикри номгӯйи намудҳои фаъолияти суғуртавии ба филиал ё намояндагӣ иҷозатдодашуда;

- маълумоти зарурӣ дар бораи кормандони роҳбарикунандаи филиал ва намояндагии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ).

8. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) фаъолияти филиал ва намояндагиҳоро дар ҳолати риоя гардидани талаботи зерин оғоз менамояд:

- ба талаботи тахассусӣ ҷавобгӯ будани номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунандаи филиал ё намояндагӣ;

- аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) риоя гардидани қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми назорати суғуртавӣ ва меъёрҳои мақбули барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) муқарраргардида.

9. Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бояд дар хусуси қатъ намудани фаъолияти филиал ва намояндагиҳои худ мақоми назорати суғуртавиро хабардор намоянд.

10. Намояндагии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бояд калимаҳои «ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)» ё калимаҳои «брокери суғуртавӣ»-ро дар номи худ истифода набарад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки калимаҳои «ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)» ё калимаҳои «брокери суғуртавӣ» қисми ҷудонопазири номи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ё ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷиеро ифода кунанд, ки онҳо ба он тааллуқ доранд, ба шарте ки дар чунин ҳолатҳо калимаи «намояндагӣ» илова карда шавад.».

7. Дар моддаи 12 калимаҳои «бо назардошти хулосаи мақоми назорати суғуртавӣ, ки барои бақайдгирии давлатии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дода шудааст,» хориҷ карда шаванд.

8. Дар моддаи 13:

- аз қисми 1 калимаҳои «нисбат ба шахсони суғурташуда» хориҷ карда шаванд;

- ба қисми 2 пас аз калимаҳои «ишғол менамоянд» калимаҳои «ва кормандони штатии онҳо» илова карда шаванд.

9. Дар қисми 1 моддаи 18 калимаи «гражданию» ба калимаи «маданию» иваз карда шавад.

10. Дар моддаи 19:

- ба қисми 2 пас аз калимаи «экспертӣ» калимаҳои «ё бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои бо қоидаҳои суғурта пешбинишуда» илова карда шаванд;

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Санади ҳодисаи суғуртавиро ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тартиб медиҳад. Ҳангоми зарурат ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳуқуқ дорад вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ аз мақомоти дахлдор ва корхонаю муассисаҳои дигар, ки оид ба ҳодисаи суғуртавӣ иттилоот доранд, маълумоти зарурӣро гирад, инчунин сабабу ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро мустақилона муайян намояд. Мақомот ва корхонаю муассисаҳои дахлдор, сарфи назар аз шакли моликияташон, уҳдадоранд ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мувофиқи дархости онҳо вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ маълумот диҳанд.».

11. Дар моддаи 20:

- аз қисми 2 калимаҳои «додани маблағи суғуртавӣ,» хориҷ карда шаванд;

- қисми 10 хориҷ карда шавад;

- қисмҳои 11,12,13,14 ва 15 мувофиқан қисмҳои 10,11,12,13 ва 14 ҳисобида шаванд.

12. Қисми 4 моддаи 24 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Андозаи мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи суғуртаи ҳатмӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.».

13. Моддаи 25[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи 25[1]. Суғуртаи мутақобила**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд дар асоси мутақобила бо роҳи таъсисдиҳии ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва дар онҳо муттаҳид намудани маблағҳои зарурӣ намудҳои суғуртаи мутақобилаи молу мулк ва манфиатҳои дигари молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсии худро анҷом диҳанд.

2. Муқарраароти суғуртаи мутақобила, таъсисдиҳии ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила бо қонун муайян карда мешаванд.».

14. Дар моддаи 27:

- ба қисми 1 пас аз калима ва аломати «(азнавсуғуртакунӣ)» калимаҳои «ва ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила» илова карда шаванд;

- дар қисми 5 калимаҳои «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми назорати суғуртавӣ» иваз карда шаванд.».

15. Моддаҳои 27[1] ва 27[2] бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

**«Моддаи 27[1]. Полиси суғуртавӣ ва талабот нисбат ба он**

1. Ҳангоми бастани шартномаи суғурта аз рӯйи намудҳои суғурта, суғуртакунанда баъди аз тарафи суғурташаванда пардохт гардидани мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) муқарраргардида ба суғурташаванда полиси суғуртавӣ медиҳад, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи амалишавии намуди мушаххаси суғурта мебошад.

2. Номгӯйи маълумотеро, ки бояд дар полиси суғуртавӣ нишон дода шаванд, мақоми назорати суғуртавӣ дар шакли тавсиявӣ тасдиқ менамояд.

**Моддаи 27[2]. Меъёрҳои мақбули ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)**

1. Барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) меъёрҳои мақбули ҳатмии зерин муқаррар карда мешаванд:

- андозаи ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);

- тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ;

- ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);

- таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ).

2. Меъёрҳои мақбул, ки бо Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми назорати суғуртавӣ танзим карда мешаванд.».

16. Моддаи 29 хориҷ карда шавад.

17. Боби 4[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«БОБИ 4[1]. БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ**

**Моддаи 29[1]. Соли молиявӣ**

Соли молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва субъектҳои дигари фаъолияти суғуртавӣ аз 1 январи соли тақвимӣ оғоз ёфта, 31 декабр ба охир мерасад. Барои филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ соли молиявӣ метавонад дигар бошад.

**Моддаи 29[2]. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ**

1. Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ҳисоботи молиявии худро, ки аз тавозун, ҳисобот дар бораи фоида ва зарар, ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ, ҳисобот оид ба тағйирёбӣ дар маблағҳои худӣ (сармоя) ва замимаҳо ба ҳисоботҳои муҳосибӣ иборат мебошад, мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ омода мекунанд.

2. Бо мақсади танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила, мақоми назорати суғуртавӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ феҳристи ҳисобот, шаклҳо, тартиби таҳия ва мӯҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявиро муқаррар менамояд.

**Моддаи 29[3]. Пешниҳоди ҳисобот**

1. Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила уҳдадоранд ҳисоботи молиявии солонаи худро бо хулосаи аудиторӣ то 30 апрели соли баъд аз соли ҳисоботӣ ба мақоми назорати суғуртавӣ пешниҳод намоянд.

2. Ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи муҳосибӣ ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадоранд ба мақоми назорати суғуртавӣ вобаста ба таносуби меъёрии маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), таркиб ва андозаи захираҳои суғуртавии ташаккулёфта, таркиб ва сохтори дороиҳое, ки дар онҳо маблағҳои худии (сармояи) ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҷойгир шудаанд, таркиб ва сохтори дороиҳое, ки дар онҳо маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҷойгир шудаанд ва ҳисоботҳои дигар тибқи талаботи Қонуни мазкур маълумот пешниҳод намоянд.

3. Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ маълумот оид ба суратҳисобҳо ва ҳисоботи солонаро доир ба амалиёти солонаи худ омода намуда, бевосита ба мақоми назорати суғуртавӣ пешниҳод менамоянд.

4. Ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як ё якчанд филиал доранд, нусхаи ҳисоботи молиявии маҷмӯии солонаи худро бо хулосаи аудитори беруна дар мӯҳлати на дертар аз шаш моҳ пас аз анҷоми соли молиявии ҳисоботии он ба мақоми назорати суғуртавӣ пешниҳод мекунанд.

5. Брокерҳои суғуртавӣ, ташкилотҳои актуарӣ, адҷастерӣ, сюрвейерҳои суғуртавӣ ва ташкилотҳои болоии суғуртавии гурӯҳи суғуртавӣ ҳисоботҳои омориро аз рӯйи шакл ва бо тартибе, ки мақоми назорати суғуртавӣ муқаррар кардааст, таҳия намуда, онҳоро ба мақоми назорати суғуртавӣ пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 29[4]. Нашри ҳисоботи молиявии солона**

Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳисоботи молиявии солонаи худро, ки аз аудити ҳатмӣ гузаштааст, дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ баъди гирифтани хулосаи аудиторӣ дар сомонаи расмии худ ҷойгир ва дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби худ нашр менамояд.».

18. Дар моддаи 31:

- дар қисмҳои 3 ва 4 калимаи «назоратии» ба калимаи «нозирони» иваз карда шавад;

- аз қисми 11 калимаҳои «, аъзои ҷамъияти суғуртаи мутақобила» хориҷ карда шаванд.

19. Дар моддаи 32:

- қисми 3 хориҷ карда шавад;

- қисмҳои 4, 5, 6 ва 7 мувофиқан қисмҳои 3, 4, 5 ва 6 ҳисобида шуда, қисмҳои 7, 8, 9 ва 10 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«7. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) наметавонад пай дар пай як ташкилоти аудиториро паи ҳам зиёда аз се давраи ҳисоботи солона аудитор таъин намояд.

8. Ҳангоми таҳияи хулосаи аудиторӣ ҳамзамон ба назар гирифта мешаванд:

- дараҷаи воқеан ҷавобгӯ будани ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба талаботи низоми назорати дохилӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ;

- усуле, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) барои пешбурди китобҳои ҳисобдорӣ, ҳуҷҷатҳо, ҳисобот ва фарогирии амалиётҳое, ки барои мониторинг ва аудити дохилию берунӣ заруранд, истифода менамояд;

- камбудиҳои ҷойдошта ва тавсияҳо барои бартараф кардани онҳо, инчунин иҷрои тавсияҳо ва бартараф намудани камбудиҳои солҳои гузашта.

9. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи баъди гирифтани хулосаи аудиторӣ нусхаи онро ба мақоми назорати суғуртавӣ пешниҳод менамояд.

10. Мақоми назорати суғуртавӣ метавонад аз ташкилоти аудиторӣ тавзеҳоти иловагиро вобаста ба хулосаи он дархост намояд.».

20. Дар моддаи 34:

1) дар номи модда калимаҳои «фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори суғурта» ба калимаҳои «субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ» иваз карда шаванд;

2) дар қисми 1 калимаҳои «иштирокчиёни касбии бозори суғурта» ба калимаҳои «субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ» иваз карда шаванд;

3) дар қисми 5:

- сархати дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- назорати риояи қонунгузорӣ дар соҳаи суғурта бо роҳи гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми назорати суғуртавӣ;»;

- сархатҳои панҷум, шашум, ҳафтум, ҳаштум, нуҳум, даҳум ва ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- тибқи талаботи Қонуни мазкур пурра ва боэътимод будани иттилоот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, инчунин ба талаботи қонунгузорӣ ҷавобгӯ будани онҳо;

- қаноатбахш будани вазъи молиявӣ ва фаъолияти муассисон (саҳмдорон), ки пардохти сармояи оинномавии (фонди) ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) таъмин ва тасдиқ менамоянд;

- қонунӣ будани манбаи маблағҳои пулии ба сармояи (фонди) оинномавӣ воридшаванда;

- ба талаботи шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод ҷавобгӯ будани молики ҳиссаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) - саҳмдорон, манфиатдорони ниҳоии саҳмияҳо ва кормандони роҳбарикунанда;

- ба шарту талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мутобиқ будани сохтор, ҳайати кормандон ва андозаи сармояи (фонди) оинномавии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);

- мутобиқати намудҳои фаъолияти дар оинномаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дарҷгардида ба талаботи қонунгузорӣ;

- ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон, аз ҷумла тавассути қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тартиби ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои суғуртавиро муқаррар менамоянд.»;

4) дар қисми 6:

- сархати панҷум хориҷ карда шавад;

- дар сархати ҳафтум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шуда, сархати ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- маълумоти мушаххасшуда оид ба муштарӣ, дархост ва ҳамаи ҳуҷҷатҳо оид ба аҳдҳо (аз ҷумла шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ)), ҳуҷҷатҳо ва сабтҳоро аз рӯйи ҳар як аҳд ба мӯҳлати на камтар аз панҷ сол пас аз анҷом ёфтани муносибатҳои корӣ нигоҳ доранд.».

21. Моддаи 34[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи 34[1]. Чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ**

1. Мақоми назорати суғуртавӣ чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасониро нисбат ба субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ тибқи Қонуни мазкур татбиқ менамояд.

2. Асосҳои татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ инҳоянд:

- риоя нагардидани талабот вобаста ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии барои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) муқарраргардида, аз ҷумла аз рӯйи таъинот истифода нашудани он;

- риоя нагардидани талабот оид ба ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захираҳои суғуртавии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва талабот оид ба ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);

- риоя нагардидани шарту талабот оид ба меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);

- риоя нагардидани талабот оид ба тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои даврӣ дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи мақоми назорати суғуртавӣ ва пешниҳод накардани ҳисобот ё пешниҳод кардани ҳисоботи носаҳеҳ;

- пешниҳод нагардидани маълумоти дархостнамудаи мақоми назорати суғуртавӣ аз ҷониби иштирокчиёни касбии бозори суғурта;

- бе мувофиқаи қоидаҳои суғурта бо мақоми назорати суғуртавӣ анҷомдиҳии фаъолияти суғуртавӣ ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо;

- аз ҷониби иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод нагардидани маълумот оид ба ҳар гуна тағйирот, ки ба ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ворид шудаанд;

- мамониат нишон додани субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ба гузаронидани санҷиш, ки дар мӯҳлати муқарраргардида имконияти гузаронидани онро намедиҳад;

- ислоҳ нагардидани камбудиҳое, ки дар ҳисоботи аудити ҳатмӣ дарҷ гардидаанд ва ба устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъсири манфӣ мерасонанд;

- пешниҳод гардидани хулосаи нодурусти комиссияи тафтишотии ҷамъияти суғуртаи мутақобила;

- риоя нагардидани баҳисобгирии полисҳои суғуртавӣ;

- бар хилофи қонунгузорӣ пардохт кардан ё накардани ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ);

- сарф намудани маблағҳои ҳаққи суғуртавӣ барои пӯшонидани хароҷот вобаста ба фаъолияти оинномавии ҷамъияти суғуртаи мутақобила;

- аз ҷониби маҷлиси умумии аъзои ҷамъият бе хулосаи комиссияи тафтишотии ҷамъияти суғуртаи мутақобила тасдиқ намудани ҳисоботи солонаи муҳосибавии он;

- риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

- иҷро накардани талаботи дигари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарору амрномаҳои мақоми назорати суғуртавӣ, ки дар натиҷаи он манфиатҳои суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон зери хатари ҷиддӣ гузошта мешаванд;

- иштирок намудани ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар содир намудани ҷинояти қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

- дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

(Давомаш дар саҳ. 4)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ»

**(Идома аз саҳ. 3)**

3. Ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда мақоми назорати суғуртавӣ метавонад нисбат ба субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ чораҳои фаврииислоҳӣ ё таъсиррасонии зеринро татбиқ намояд:

1) тавассути амрнома:

- таҳия ва пешниҳод намудани нақшаи чорабиниҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳо, дар мӯҳлати муқарраргардида ислоҳи вазъи баамаломада, инчунин пешниҳоди маълумот оид ба чораҳои андешидашударо муқаррар намояд;
- муваққатан кушодани филиал ва намояндагиҳоро то бартараф кардани камбудиҳо боздорад;
- дар сурати дар мӯҳлатҳои муқарраргардида бартараф нагардидани камбудиҳои ошкоршуда, боздоштани фаъолияти филиал ва намояндагӣ ё бастани онҳоро муқаррар намояд;
- муваққатан боздоштани анҷомдиҳии намудҳои алоҳидаи суғуртаро муқаррар намояд;
- тақсим ё пардохти ҳар гуна фоида ё суди саҳмияҳоро байни иштирокчиён манъ намояд;
- аз мақоми идоракунии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ даъват намудани ҷаласаи ғайринавбатӣ бо иштироки намояндагони мақоми назорати суғуртавиро муқаррар намояд;
- дар мӯҳлати муайянгардида пурра намудани ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавиро муқаррар намояд;
- маҳдудияти муваққатии қабул ва интиқоли дороиҳоро муқаррар намояд;

2) бо қарор дар асоси талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ вобаста ба боздоштан, бекор кардан ва қатъ намудани амали иҷозатномаи субъекти фаъолияти суғуртавӣ чораҳои зарурӣ меандешад.

4. Боздоштани амали иҷозатнома якҷо бо чораҳои дигари фаврии ислоҳӣ ё таъсиррасонии дар банди 1) қисми 3 ҳамин модда пешбинишуда метавонад татбиқ гардад, агар идомаи фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори суғурта то иҷро намудани чораҳои дигари фаврии ислоҳӣ ё таъсиррасонии татбиқшуда имконнопазир бошад ё татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ё таъсиррасонӣ бе боздоштани амали иҷозатнома бенатиҷа арзёбӣ гардад.

5. Дар амрнома ва қарори мақоми назорати суғуртавӣ бояд маълумоти зерин дарҷ гарданд:

- асосҳо ва сабабҳои қабули амрнома ва ё қарор;
- номи пурраи иштирокчии касбии бозори суғурта;
- санаи эътибор пайдо кардани амрнома ва ё қарор.

6. Мақоми назорати суғуртавӣ амрнома ва қарор дар бораи татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонии қабулнамудаашро дар шакли хаттӣ дар давоми на дертар аз се рӯзи корӣ ба маълумоти субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ мерасонад.

7. Маълумот оид ба санади судӣ дар бораи бекор кардани амали иҷозатнома аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дар давоми се рӯз аз рӯзи қабули он дар сомонаи расмӣ ва воситаҳои ахбори омма нашр карда мешавад.».

22. Моддаи 36 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 36. Мақомоти идоракунии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)**

1. Мақомоти идоракунии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ва қонунҳои дигар бо дарназардошти муқаррароти Қонуни мазкур таъсис ёфта, фаъолият менамоянд.

2. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии тибқи қонунгузорӣ иҷозатдодашуда таъсис дода шудааст, уҳдадор аст дорои сармуҳосиб, роҳбари аудити дохилӣ ва актуарийи масъул бошад, ба истисноӣ ҳолатҳои мавҷудияти шартномаи басташуда бо шахси дахлдор оид ба ваколатдиҳии вазифаҳои суғуртавӣ, ки бо Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар асоси он аз ҷониби мақоми назорати суғуртавӣ қабулгардида, пешбинӣ гардидаанд.

3. Мақоми идоракунии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) давлатӣ ва ваколатҳои онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

4. Мақоми олии идоракунии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мустақиман ва ё тавассути таъсиси Шурои директорон (Шурои нозирон) барои муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва таъмини назорати татбиқи он, ташкил ва нигоҳдории низоми мувофиқу босамари назорати дохилии аз тарафи воҳиди аудити дохилӣ ва мақоми иҷроияи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) амалишаванда, идоракунӣ, ҷойгиркунӣ ва хароҷоти самараноки сармояи оинномавӣ, даромад ва маблағҳои дигари ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), баррасии натиҷаҳои аудит ва санҷиши дохилию берунӣ масъул мебошад.

5. Шурои директорони (Шурои нозирони) ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) метавонад аз ҳисоби муассисон ва мутахассисон - коршиносони даъватшудае, ки дорои таҳсилоти олӣ буда, шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод мебошанд, таъсис дода шавад.

6. Узви Шурои директорон (Шурои нозирон) наметавонад:

- узви мақомоти идоракунии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) дигар, ба истисноӣ ҷамъияти вобаста, бошад;
- корманди ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) дигар, ба истисноӣ ҷамъияти вобаста, бошад;
- дорои ҳиссаи иштироки афзалиятнок дар ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) дигар бошад;
- дар як вақт узви Шурои директорон (Шурои нозирон) ва роҳбари ягонаи мақоми иҷроия, роҳбари мақоми дастҷамъии иҷроияи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бошад;
- хизматчии давлатӣ бошад, ба истисноӣ узви Шурои директорони (Шурои нозирони) ташкилоти суғуртавие (азнавсуғуртакуние), ки давлат дар он саҳмдор аст.».

23. Дар моддаи 37:

- дар номи модда калимаҳои «роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва брокери суғуртавӣ» ба калимаҳои «кормандони роҳбарикунандаи субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ» иваз карда шаванд;
- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Роҳбари (аз ҷумла шахсе, ки вазифаи роҳбари ягонаи мақоми иҷроия, роҳбари мақоми дастҷамъии иҷроияро амалӣ менамояд) субъекти фаъолияти суғуртавӣ - шахси ҳуқуқӣ бояд ба талаботи шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод ҷавобгӯ бошад, дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ ё ҳуқуқие бошад, ки бо ҳуҷҷати эътирофшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти олӣ тасдиқ шудааст, қонунгузории соҳаи фаъолияти суғуртавиро донад ва дорои собиқаи кории на камтар аз дусола ба сифати роҳбари воҳиди субъекти фаъолияти суғуртавӣ ё ташкилоти молиявии дигар бошад.»;

- дар қисми 2 калимаҳои «забони давлатиро донад,» ба калимаҳои «ба талаботи шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод ҷавобгӯ бошад,» иваз карда шаванд;
- дар сархати сеюми қисми 4 калимаи «назоратӣ» ба калимаи «нозирон» иваз карда шавад;
- қисми 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«6. Роҳбар ва сармуҳосиби филиали ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бояд ба талаботи дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур пешбинишуда ҷавобгӯ бошанд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 1 марти соли 2024, № 2045**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 28 феврали соли 2024, № 473**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 24 январи соли 2024, № 1205**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 420319 | Муассисаи давлатии «Мактаби таҳсилоти умумии асосии №104-и ноҳияи Шоҳмансур» | Монтажи системаҳои гармидиҳӣ барои эҳтиёҷоти Муассисаи давлатии «Мактаби таҳсилоти умумии асосии №104-и ноҳияи Шоҳмансур» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.03.2024 10:25:00 |
| 2 | 420316 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хуҷанд | Маводи ташхисии лабораторӣ ва лавозимоти масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 29.03.2024 09:15:00 |
| 3 | 420318 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ»-и шаҳри Истаравшан | Таъмири намои бинои Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ»-и шаҳри Истаравшан | Озмуни кушод | Кор | 1 | 29.03.2024 10:20:00 |
| 4 | 420317 | Муассисаи таълими томактабии №1-и ноҳияи Рашт | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 29.03.2024 10:30:18 |
| 5 | 420320 | Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 29.03.2024 11:00:00 |
| 6 | 420322 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи И. Сомонӣ | Таъмири ҷории бинои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 29.03.2024 14:15:00 |
| 7 | 420312 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №23-и шаҳри Бохтар | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 29.03.2024 17:25:15 |
| 8 | 420313 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷ.Балхӣ | Мониторҳо барои театрҳо, қандилҳо, ноутбук ва курсиҳо барои театрҳо | Озмуни кушод | Мол | 5 | 29.03.2024 17:35:10 |
| 9 | 420314 | Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон | Молҳои маишӣ, ҷиҳози ошхона, таҷҳизот барои ошхона, мебел ва жалюз | Озмуни кушод | Мол | 43 | 29.03.2024 18:15:40 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЭЪЛОН!

## ҚАРОРҲОИ РАЁСАТИ КУМИТАИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ БА НОМИ АБУАБДУЛЛО РӮДАКӢ БАРОИ МУҲОКИМА

**Раёсати Кумитаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёт, санъат, меъморӣ ва журналистикаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад, ки дар асоси низомномаҳои кумита ва ҷоиза, қарорҳои бахшҳо ва Раёсати кумита асарҳои зерин ба озмуни дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёт, санъат, меъморӣ ва журналистика дар соли 2024 роҳ дода шаванд:**

**Бахши адабиёт**

Рустам Ваҳҳобзода. «Қаламрави меҳр» (маҷмӯаи шеърҳо). Душанбе, нашриёти «Адиб», 2022.

Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

**Бахши театр ва синамо**

Гурӯҳи офарандагони филми ҳунарии «Роҳ»: коргардон Носир Саид, муаллифи сенария Сафар Ҳақдод, наворбардор Георгий Дзалаев, оҳангсоз Далер Назаров ва офарандагони нақшҳои асосӣ - Надежда Муҳаммадҷонова, Зулфия Қодирова, Мавлонбибӣ Наҷмиддинова ва Абдукарими Машраб.

Раёсати Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

**Бахши мусиқӣ ва ҳунарнамоӣ**

Ҷӯрахон Обидпур. «Луғатномаи тафсирии истилоҳоти мусиқӣ», нашриёти «Истеъдод», 2021.

Раёсати Иттифоқи композиторони Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

**Бахши санъати тасвирӣ ва меъморӣ**

Самӣ Азизиён. Асари меъмории «Тахти тоҷикон» дар маҷмааи «Майдони Истиқлол», 2021.

Раёсати Иттифоқи меъморони Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

**Бахши эҷодиёти бадеӣ барои кӯдакон ва наврасон**

Равшан Махсумзод. «Кафшергар» (маҷмӯаи қисса ва ҳикояҳо), нашриёти «Истеъдод», 2023.

Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

**Бахши публитсистика**

Абдураҳмон Абдуманнон. «Аз дирӯз ва имрӯзи адабиёти тоҷик» (маҷмӯаи очерк, мусоҳиба ва мақолаҳои публитсистӣ), нашриёти «Адиб», 2022.




Ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

**Бахши тарҷума, пажӯҳиш ва тарғиби адабиёти тоҷик дар мамлакатҳои хориҷӣ**

Иосиф Брагинский - барои силсилаи асарҳои адабиётшиносӣ, чопи осори адибони тоҷик дар нашриётҳои Россия ва Аврупо ва тарғиби собитқадамонаи асарҳои адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик.

Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

***Раёсати Кумитаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ аз мутахассисон ва ҳамаи ҳаводорони адабиёту санъат хоҳиш мекунад, ки дар муҳокимаи ин асарҳо тавассути воситаҳои ахбори омма дар моҳҳои март-май фаъолона иштирок намоянд.***

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Аттестати гумшудаи №310076, ки онро МТМУ №59-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1982 ба Ашурова Уғулой Почоевна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи №264754, ки онро МТМУ №29-и ноҳияи Дарвоз соли 1996 ба Худоёрова Мағфират Донаёровна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи А04806165, ки онро ШМД Навобод ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 2-юми марти соли 2023 ба Азизов Искандар Шодиевич додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи М. Назаршоев, бинои 269/1, хонаи 25 ба Халифаев Раҳмон Алиевич додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ИВ № 974557, ки онро Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) соли 1982, таҳти қайди 5487 ба Беляева Лилия Абдуллаевна додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ДОА № 000557-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ 1-уми июли соли 2006 бо қайди 740 ба Шарифова Моҳлиқоб Исроиловна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи хориҷии гумшудаи силсилаи ШХ № 0002025, ки онро ШШВА КГ ХШБ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми марти соли 2019 ба Ямо Додураҳмон додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми марти соли 2003, таҳти феҳрасти 1Ш-377 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Селекционная (ҳоло гузаргоҳи дуюми кӯчаи Гулобод), хонаи 2 ба Мирзоева Зульфия Акрамовна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Гулобод, хонаи 2 ба Мирзоева Зульфия Акрамовна додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос таҳти рақами 4Н-1, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Варзоб, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, Ҷамоати Чорбоғ, деҳаи Чормағзакон 29 январи соли 2003 аз номи Нарзуллоев Абдулло ба Қаюмова Маҳрам додааст, бинобар гум шуданаш, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯии Г 21671-и гумшуда, ки онҳоро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2022 ба Ҳомидов Муҳаммадиқбол Олимҷонович (РМА 057025517) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ № 0681790, ки онро МТМУ №78-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2019 ба Зиёдуллоев Эҳсон Рустамҷонович додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи А № 9091806, ки онро МТМУ № 97-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1992 ба Тилаева Парчамоҳ Тураевна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Оббар» (РЯМ 1210015685, РМА 120046234), ки 10-уми ноябри соли 2023 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Алимов Абдулло», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 0410042738 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 6 октябри соли 2023 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 4 марти соли 2024, соати 14:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35080 нусха*

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97